Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 29 (4612) | ҶУМЪА, 24 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# ҲИФЗИ МАРЗУ БУМИ ВАТАН БО ДОШТАНИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ МУТАШАККИЛУ ТАВОНО ИМКОНПАЗИР АСТ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 23 феврали соли 2023**

**Муҳтарам генералҳо, афсарон ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯз аз таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории навини тоҷикон мебошад, сӣ сол сипарӣ мегардад.

Ба ин муносибат тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро, ки тайи се даҳсола ҳимояи истиқлолияту озодии кишвар, ҳифзи марзу буми Ватан, суботу оромӣ ва амнияти давлату ҷомеаро ҳамчун сипари боэътимод таъмин карда, дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми басо арзишманд гузошта истодаанд, самимона табрик менамоям.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолият ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф – ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мо метавонем бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати таърихии худ ҷавонмардонаву сарбаландона баромаданд ва ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Бинобар ин, ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат барои хизмати содиқона ба давлат ва халқи Тоҷикистон сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи ташкили Артиши миллиро аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар маркази диққати худ қарор дода буд. Зарурати ташкили Артиши миллӣ ҳанӯз 9-уми сентябри соли 1991 дар Қарори Шӯрои Олии кишвар «Дар бораи эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардида буд. Вале вазъи ниҳоят ҳассосу душвор, мушкилиҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ имкон надоданд, ки Тоҷикистон Артиши миллии худро таъсис диҳад.

Масъалаи ташкили Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ба миён гузошта шуд ва 18-уми декабри соли 1992 фармони Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи таъсис додани Артиши миллӣ ба имзо расид.

Вақти қабули қарор дар хусуси таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ мо на Вазорати мудофиа доштем, на иншооти инфрасохторӣ, на заминаи зарурии моддиву техникӣ ва на мутахассису кадрҳои касбӣ.

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини иқтисодиву молиявӣ аз нахустин рӯзҳои таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ доир ба ташкили инфрасохтор ва таъсиси қисму воҳидҳои низомӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ гардонид.

Дар навбати аввал, 23-юми июни соли 1993 Қӯшунҳои хушкигард, ки асоси Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд ва неруи сершумортарину пешбарандаи амалиёти ҷангӣ ба ҳисоб мераванд, таъсис дода шуданд ва аз рӯзҳои аввал барои мубориза бар зидди гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъи ҳарбиву сиёсии мамлакат сафарбар гардиданд.

Дар ин раванд, яъне, замоне ки дар кишвар ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, мо ташкили қисму воҳидҳои ҳарбӣ, муҳайё намудани заминаҳои моддиву техникӣ, омода кардани афсарону сарбозони далеру шуҷоъ, дорои маҳорати баланди касбӣ ва донишу малакаи заруриро вусъат бахшидем.

Дар он давра, саъю талоши Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, ба фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва омода намудани мутахассисон ва кадрҳои баландихтисос равона карда шуд. Бо ин мақсад як қатор қонунҳои нав, аз ҷумла «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мудофиа» ва «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» қабул гардиданд ва ҳадафу вазифаҳои сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти ташкили мудофиа ва ҳимояи кишвар муайян карда шуданд.

Дар марҳилаҳои минбаъда мо дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал, ҷузъу томҳои таъиноти махсус, муассисаҳои таҳсилоти низомӣ ва қисмҳои ҳарбӣ оид ба таъминоти ҷузъу томҳоро таъсис додем.

Яъне, Қувваҳои Мусаллаҳи мо аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ дар муборизаҳои шадид ва набардҳои сангини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ иштирок карда, ташаккул ва обутоб ёфтанд. Афсарону сарбозони далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душвори мухолифати дохилӣ қарзи ватандорӣ ва рисолати ватандӯстонаи худро иҷро карда, дар ҷодаи барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва ба эътидол овардани вазъият дар кишвар саҳми басо арзишманд ва таърихӣ гузоштанд.

Дар робита ба ин, мехоҳам махсус зикр намоям, ки ба шарофати далериву шуҷоат ва фидокориву ҷоннисориҳои хизматчиёни ҳарбӣ – фарзандони бонангу номуси Ватан дар кишвар ҳокимияти қонунӣ барқарор гардида, заминаҳои устувори сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ фароҳам оварда шуданд.

Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар давраҳои минбаъда низ борҳо аз имтиҳони садоқат, маҳорат ва ҷасорату мардонагӣ сарбаландона гузаштанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ

**23-юми феврали соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 30 - солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст тамоми хизматчиёни ҳарбии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, собиқадорони хизмати ҳарбиро ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфтанд.

Сарвари давлат оид ба таърихи 30 соли дар шароити ниҳоят вазнину ҳассоси иқтисодӣ ва ҳарбиву сиёсии кишвар таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, аз имтиҳону озмоишҳои сахту сангин гузаштану ба як сохтори муташаккилу боэътимод, неруи пурқудрати ҳимоятгари давлату халқи Тоҷикистон ва яке аз шоҳсутунҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфтанаш андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолият ва яке аз дастовардҳои муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ вазифаҳои муқаддасу пуршараф - ҳимояи соҳибихтиёрии давлат, таъмин намудани сулҳу субот, ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа ба дӯши онҳо гузошта шуданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷон нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомӣ ва шаҳрвандони кишварро ба ифтихори сисолагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ табрик гуфта, ба ҳамаи онҳо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани соҳибистиқлоламон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу карданд.

Ҷамъомади идонаро барномаи рангину пурмуҳтавои консертӣ бо иштироки аҳли ҳунару фарҳанги кишвар шукӯҳи тоза бахшид, ки туҳфаи арзандае барои афсарону сарбозони содиқи ҷумҳурӣ мебошад.

**www.president.tj**



# САИДМУРОД ФАТТОҲЗОДА ДАР ҶАЛАСАИ ЗИМИСТОНАИ АП САҲА ШИРКАТ ВАРЗИД

**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, ҳамзамон роҳбари ҳайати Тоҷикистон дар Ассамблеяи парлумонии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Саидмурод Фаттоҳзода дар 22 - юмин ҷаласаи зимистонаи АП САҲА, ки дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия баргузор шуд, ширкат кард.**

Дар ҷаласаҳои кумитаҳои умумӣ наздик ба 250 вакил аз 50 кишвари дунё масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, илмиву технологӣ, гуманитарӣ ва муҳити зист, инчунин демократияву ҳуқуқи инсонро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ЧӢ ҲОЛ ДОРЕД, АФСАРОНУ АСКАРОНИ ШУҶОИ ВАТАН?

**Қисми ҳарбии 12019 - и Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе ҷойгир буда, он ба таркиби баталиони сулҳҷӯёнаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дохил аст. Клуби марказии артиши Вазорати мудофиа низ дар ин қисми низомӣ фаъолият дорад, ки варзишгарони он дар мусобиқаҳои байналмилалӣ пайваста иштирок мекунанд.**

**Дар арафаи ҷашни 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба қисми низомии мазкур сафар карда, аз шароити кору хизмат бо афсарону сарбозон шинос шудем.**



### МОДАРИ СЕРФАРЗАНД

Сардори анбори хӯрокаи қисми ҳарбӣ Олима Сиярова зиёда аз 23 сол аст, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунад. Ӯ бо ифтихор аз собиқаи хизмати ҳарбӣ ҳарф мезанад. Мегӯяд, хизмат дар сафи артишро мактаби мардонагӣ меноманд, ки комилан дуруст аст, аммо дар баробари ин нақши занонро дар ташаккули артиш набояд нодида гирифт.

Дар рафти суҳбат бо мавсуф аз рисолати модарӣ сухан кушодем, ки воқеан, зан - модар дар хона ҳам масъули пур кардани дастархон ҳангоми хӯроки саҳару нимирӯзиву шоми оила аст. Аз ин рӯ, дар муддати фаъолияти ҳарбӣ, ки ҳамасола садҳо нафар ба хизмат омадаву ҳамин қадари дигар рухсат мешаванд, апаи Олимаро метавон модари серфарзанди кишвар муаррифӣ кард. Ӯ комилан ба андешаи мо мувофиқ буданашро иброз дошта, бо ифтихор аз фарзанди зиёд доштанаш ҳарф зад:

- Бале, ман се фарзанд ба дунё оварда, ба воя расонидаам ва аз рӯйи фарҳанги хонадории миллати тоҷик модари серфарзанд ба ҳисоб намеравам, аммо, бо дарназардошти он ки 23 сол бо сарбозон сарукор дорам, метавонед, бе ягон дудилагӣ, маро серфарзандтарин модар муаррифӣ кунед. Дар ин муддат шумораи фарзандҳои ман ҳазорҳо нафарро ташкил медиҳад.

Вақте ки Олима Сиярова ин нуктаро зикр кард, меҳру муҳаббати самимии модарӣ дар чеҳрааш бармало буд. Ӯ бо ҳамон меҳри модарона суханашро идома дод ва зикр кард, ки борҳо дар кӯча ва ё ҷойи дигар одамони зиёди ношинос омада гарм аҳволпурсиаш мекунанд. Вақте ки пай мебаранд, ки нашинохтааст, худашонро муаррифӣ менамоянд. Маълум мешавад, ки чунин нафарон замоне хизмати ҳарбиро дар қисми низомие адо кардаанд, ки масъули хӯрокааш Олима Сиярова аст.

- Ҳамасола садҳо нафар мераванду ҳамин қадар меоянд. Солҳо мегузарад ва бинобар рушди синнусолӣ дар қиёфаи инсон ҳам тағйироте ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, ҳолате мешавад, ки як нафарро пас аз 5 ва ё 10 сол вомехӯраму дар шинохт душворӣ мекашам», - мегӯяд О. Сиярова.

Вақте мавсуф ин суханро мегуфт, як навъ оҳанги хиҷолатро дар суханаш эҳсос кардем. Хиҷолат аз он, ки ин модари серфарзанд баъзан фарзандонашро то шинос накунанд, намешиносад...

### АЗ ХОНАИ ДИДОРБИНӢ ТО ГИРЯИ АСКАРОН

Бино ба гуфти муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба ақибгоҳ Нозилҷон Зиёев, дар ин ҷо шароити бисёр хуб ташкил шудааст. Сарбозоне, ки оиладоранд, дар як моҳ ду маротиба ҷавоб дода мешаванд. Дар баробари ин, хонаи дидорбинӣ ташкил шудааст, ки ҳангоми аз минтақаҳои дур ба аёдати сарбозон омадан, метавонанд як шабонарӯз дар ин ҷо истанд. Агар оилаи сарбоз ҳам биёяд, метавонад, як шабонарӯз бо шавҳараш бошад.

- Артиши мо ҷавон аст, сисола шуд. Масалан, ман таҳсилоти олии ҳарбиро дар Федератсияи Россия гирифтам. Бубинед, артиши Россия 300-сола аст, аз мо нав сисола. Аммо дар ҳамин сӣ сол артиши мо ба дастовардҳои зиёд ноил шуд. Имрӯз чӣ яроқу лавозимоти ҷангие, ки дигар давлатҳо доранд, артиши мо ҳам дорад, - иброз дошт дар аввали суҳбат ӯ.

Муовини сардори ситоди Қисми ҳарбии мазкур Шаҳзод Ҷамҳуров дар оилаи афсар ба дунё омадааст. Ӯ мегӯяд, ҳар дафъае ки падарамро дар либоси низомӣ медидам, ифтихор мекардам ва хоҳиши низомӣ шудан дар дилам пайдо шуд. Ӯ касбашро дӯст медорад. Аз он ҷиҳат, ки худ бо нони ин касб ба воя расида, фарзандонашро низ бо нони ин пеша ба камол мерасонад.

Аз Шаҳзод пурсидем, ки барои ба низому тартиб одат кардани навсарбозон чӣ қадар вақт лозим мешавад? Гуфт, ки атрофи як моҳ лозим аст, ки ба тартиботи қисми низомӣ ҷавонон мутобиқ шаванд, аммо баъзеашон чунон ба хизмати ҳарбӣ дилбастагӣ пайдо менамоянд, ки пас аз адои муҳлати сарбозӣ ва рухсат шудан ба хонаҳояшон, ҳатто гиря мекунанд.

Муовини командири қисми ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ Зиёвиддин Шарифзода 18 сол таҷрибаи кор дар Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дорад. Аз ӯ вобаста ба масъулияташ, оид ба раванди корҳои сиёсиву тарбиявӣ дар қисми ҳарбӣ пурсидем. Дар ҷавоб изҳор дошт, ки машғулиятҳои тарбиявӣ пайваста гузаронида мешавад.

- Аскарон дар тӯли як шабонарӯз шаш соат ба машғулияти тайёрии ҷангӣ машғул мешаванд. Рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе ахбори сиёсӣ мегузаронем. Рӯзи шанбе хабарҳои ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Машғулиятҳои тайёрии ҷамъиятии давлатӣ рӯзи ҷумъа доир мегардад. Пеш аз машғулиятҳо аввал хабари сиёсӣ ба ҳайати шахсии афсарон ва пропоршикҳо пешниҳод мешавад, - зикр кард ӯ.

Номбурда вобаста ба шароити хизмат изҳор дошт, ки вақте ки соли 2008 донишкадаро хатм карда, ба хизмати ҳарбӣ шурӯъ намуд, музди маошаш 360 сомонӣ буд, аммо ҳоло танҳо байни як сол ду маротиба 25 дарсадӣ, яъне 50 фоиз зиёд шуд, ки нисбат ба он сол шояд зиёда аз 10 маротиба афзуда бошад.

- Имрӯз ба табрики афсарону аскарони қисми ҳарбии мо аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино, инчунин, хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 ва Литсей-интернати президентӣ омада, чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ гузарониданд. Падару модарон барои сарбозон хӯроки идона ташкил карданд. Аз чунин муносибат ҳамаи сарбозон хурсанданд, - зикр кард Зиёвиддин Шарифзода.

### ОМӮЗИШУ ТАКМИЛИ САРБОЗОН

Мустафо Орзузода як солу 11 моҳ мешавад, ки дар қисми низомии 12019 хизмат карда истодааст. Ӯ мегӯяд, ки пас аз чанд соли муҳоҷирати меҳнатӣ ба Комиссариати ҳарбии шаҳри Роғун рафта, ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пайвастааст.

- Баъди хатми мактаби миёна ба муҳориҷати меҳнатӣ рафта будам. Пас аз бозгашт бо волидон ба хулосае омадем, ки қарзи фарзандиро назди Ватан иҷро кунам ва ба хизмати ҳарбӣ омадам. Ин ҷо омадан замон мисле ки аз як дунё ба дунёи дигар ворид шудам. Рости гап, дар ин ҷо ман бисёр омӯхтам. Ҳама пастиву баландиҳои зиндагиро дарк кардам. Фаҳмидам, ки ҳеҷ муваффақияте бе меҳнат, ҳеҷ натиҷае бе душворӣ ба даст намеояд, - иброз дошт ҳамсуҳбати мо.

Мустафо мегӯяд, ки то ҳол панҷ маротиба волидонаш ба хабаргирӣ омадаанд ва ӯ ҳам ба дидорбинии онҳо рафтааст. Ҳоло ӯ дар қисми низомӣ ронанда аст. Зиёда аз як сол мешавад, ки вазифаи мазкурро анҷом медиҳад ва чун кораш ба фаъолияти қисми низомӣ кумак мекунад, хурсанд аст.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ҲИФЗИ МАРЗУ БУМИ ВАТАН БО ДОШТАНИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ МУТАШАККИЛУ ТАВОНО ИМКОНПАЗИР АСТ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 23 феврали соли 2023**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар даврони муқовиматҳои мусаллаҳона ва мубориза бар зидди хоинону душманони миллати тоҷик ҳазорон нафар хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Давлату Ҳукумат ва мардуми шарифи Тоҷикистон фидокориву ҷонбозиҳои афсарону сарбозони шуҷои Ватанро ҳаргиз фаромӯш намекунанд ва хотираи неки ҷавонмардонеро, ки барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, пойдории сулҳу субот ва ҳифзи зиндагии орому осоиштаи сокинони мамлакат ҷони худро нисор кардаанд, ҳамеша пос медоранд.

Маҳз ба ҳамин хотир, ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҷавонони кишвар, инчунин ба хизматчиёни ҳарбӣ, доимо таъкид менамоям, ки зираку ҳушёр бошед ва ҳаргиз фаромӯш насозед, ки фазои орому осудаи имрӯзаи мамлакат бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси халқи тоҷик ба даст омадааст.

**Ҳозирини арҷманд!**

Тарбияву ҷобаҷогузории кадрҳои соҳибихтисоси дорои маҳорати баланди касбӣ шарти асосии тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар мебошад. Дар робита ба ин масъала, мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар хотирнишон созам, ки ҳангоми таъсис додани Артиши миллӣ мо шумораи зарурии афсарону мутахассисони касбӣ надоштем. Бинобар ин, яке аз аввалин воҳидҳои ҳарбие, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ таъсис додем, Муассисаи таълимии «Коллеҷи ҳарбӣ» буд, ки имрӯз ҳамчун Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа фаъолият карда истодааст.

Дар зарфи сӣ сол муассисаҳои олии ҳарбии мамлакат ва давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро 5300 нафар, аз ҷумла академияҳои ҳарбии хориҷи кишварро 650 нафар, ҷавонони мо хатм карда, ҳоло аз байни онҳо садҳо нафар хизматчиёни ҳарбии дорои рутбаи олии ҳарбӣ дар вазифаҳои роҳбариву фармондеҳии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолият доранд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар боз 1500 нафар ҷавонони мо таҳсил карда истодаанд. Дар маҷмӯъ, дар замони соҳибистиқлолӣ барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар дар дохил ва хориҷи мамлакат беш аз 28 ҳазор мутахассис тайёр карда шуд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз зиёда аз 80 фоизи афсарони Қувваҳои Мусаллаҳи мо афсарони касбӣ, яъне хатмкардагони донишкадаҳо ва академияҳои ҳарбӣ мебошанд. Тайи солҳои истиқлолияти давлатӣ ҳазорҳо нафар афсарону прапоршикҳо ва сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои шуҷоату ҷасорат ва хизмати содиқона бо мукофотҳои давлатӣ ва садҳо нафар бо рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Ҳифзи марзу буми кишвар аз таҳдиду хатарҳои замони нав, хусусан, дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир таъмин намудани амнияти давлату миллат ва суботу оромии ҷомеа танҳо бо доштани Қувваҳои Мусаллаҳи муташаккилу тавоно ва муҷаҳҳаз бо таҷҳизоту техникаи пешрафтаи ҳарбӣ ва муҳимтар аз ҳама, хизматчиёни ҳарбии ватандӯсту ватанпараст, далеру ҷасур ва содиқ ба давлат ва халқи Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Вазъи бисёр мураккабу нооромӣ ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, тақозо менамоянд, ки барои пурзӯр намудани иқтидори мудофиавии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии ҷузъу томҳои ҳарбӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Вазъи зикршуда, инчунин, аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ маҳорату малакаи муосири касбӣ, ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, роҳбарон ва ҳайати фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳро зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисоси ҳарбӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ, ҳисси миллӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҳайати шахсӣ эътибори боз ҳам бештар диҳанд, зеро дар замони пурҳаводиси имрӯза танҳо кадрҳое метавонанд амнияти давлат ва суботи ҷомеаро таъмин намоянд, ки дорои донишҳои муосири ҳарбӣ ва сатҳи баланди касбият буда, технологияҳои навтаринро аз худ кардаанд ва Ватани худро сидқан дӯст медоранд.

Аз ин рӯ, бори дигар таъкид менамоям, ки дар сатҳи талаботи замона ба роҳ мондани омодагии касбӣ ва тарбияи ҳайати шахсӣ вазифаи асосии ҳайати фармондеҳӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҳар як роҳбару афсар масъулияти баланд ва донишу малакаи заруриро тақозо менамояд.

Такроран хотирнишон менамоям, ки роҳбарону афсарон бояд ба сарбозон мисли фарзанди худ муносибат намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд. Шахсан ман ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ ҳар як сарбозро мисли фарзандони худ дӯст медорам ва ҳамеша кӯшиш мекунам, ки ба ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ва дар навбати аввал, барои сарбозон шароити беҳтарини хизмат ва зиндагӣ муҳайё карда шавад.

Вобаста ба ин, мехоҳам масъалаи тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ва даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳро махсус хотиррасон намоям. Тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, солҳои охир дар баъзе вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт, шаҳрҳои Душанбе ва Исфара маъракаи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муҳлати кӯтоҳ (ҳатто дар муддати ду – се рӯз) ҷамъбаст карда мешавад.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки хизмат ба Ватан, яъне хизмати ҳарбӣ, мактаби ҷавонмардӣ ва давраи ҳаматарафа обутоб ёфтани ҷавонон мебошад. Хизмат ба Ватан - Модар қарзи фарзандии ҳар як ҷавон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ҳар як ҷавонмард бояд қарзи худро дар назди Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон иҷро намояд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки асоси омодабошии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро риояи ҳатмӣ ва бечунучарои қонун ва оинномаҳои ҳарбӣ, тартибу интизом ва тарбияи дурусти ҳарбиву ватандӯстӣ дар байни ҳайати шахсӣ ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳаввулоту ҳодисаҳои солҳои охири ҷаҳон моро ҳушдор медиҳанд, ки ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ва таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешем. Ин амри зарурро ҳимояи истиқлолияту озодӣ ва дахлнопазирии ҳудуди кишвар, таъмини амнияти давлат ва халқи тоҷик талаб менамояд.

Бо дарназардошти ин зарурат, дар Паёми навбатии Роҳбари давлат махсус таъкид гардид, ки Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои асосии сиёсати мудофиавии мамлакатро муайян карда, дар баробари дигар чорабиниҳо, инчунин, тақвияти иқтидору имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии онҳоро ҷиҳати мутобиқ намудан ба хусусияти таҳдиду хатарҳо ва вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир дар бар мегирад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунон ки зикр гардид, Артиши миллии сӣ сол қабл амалан дар ҷойи холӣ таъсисдодаи мо имрӯз ба як сохтори муназзам ва неруманду боэътимод табдил ёфтааст. Тайи се даҳсолаи гузашта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат 10 қисми ҳарбӣ бо тамоми инфрасохтори зарурӣ, 24 комиссариати ҳарбии шаҳру ноҳияҳо ва зиёда аз 100 иншооти хизматрасонии нав сохта, ба истифода супорида шуд.

Дар ин давра, умуман, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат ва зиндагӣ барои Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат беш аз 2600 иншооту бинои нав бунёд карда, ба истифода супорида шуданд.

Ҳукумати мамлакат дастгирии молиявию иҷтимоии хизматчиёни ҳарбиро дар оянда низ идома дода, ҷиҳати беҳтар гардонидани шароити хизмат ва зиндагии ҳайати шахсӣ, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иҷтимоӣ, пурзӯр намудани иқтидори мудофиавӣ, азнавсозии иқтидори техникӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат минбаъд низ рисолати муқаддас ва қарзи ҷавонмардии худ – ҳифзи амнияти давлату ҷомеа, зиндагии осоишта ва заҳмати созандаи мардуми Тоҷикистонро бо интизоми намунавӣ, донишу малакаи муосир, рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, иродаи мустаҳкам, садоқат ба Ватан, давлат, халқи мамлакат ва касби бошарафи хеш сарбаландона иҷро менамоянд.

Ман ба далериву шуҷоат, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозони бонангу номуси Ватан бовар дорам ва бо онҳо ифтихор мекунам.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки афсарону сарбозони шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ба савганди ҳарбии хеш минбаъд низ содиқ мемонанд, рисолати фарзандии худро дар назди Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷавонмардона иҷро мекунанд ва ҳифзи истиқлолияту озодии сарзамини аҷдодӣ, амният ва суботу оромии ҷомеаро бо ҳушёриву зиракӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ таъмин мекунанд.

Бори дигар тамоми ҳайати шахсии Артиши миллӣ, дигар сохторҳои низомии мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори сиюмин солгарди таъсисёбии Артиши миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик гуфта, ба ҳамаи шумо саломативу сарбаландӣ ва дар роҳи ҳифзи Ватани маҳбубамон рӯҳи шикастнопазир ва иродаи қавӣ орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

# ЧӢ ҲОЛ ДОРЕД, АФСАРОНУ АСКАРОНИ ШУҶОИ ВАТАН?

**(Идома аз саҳ. 1)**

Хушдил Каримов аз ҷумлаи сарбозонест, ки пас аз хатми коллеҷ бо ихтиёри худ ба хизмати аскарӣ омадааст. Ӯ як сол мешавад, ки дар қисми низомии мазкур хизмати Ватан - Модарро адо намуда истодааст. Аз шароити хизмат ва муносибати афсарону сарбозон розист.

- Дар ин ҷо рӯзи мо бисёр хуб мегузарад, зеро аз рӯи нақша аст. Обутоби бадан мекунем, дарси ҳарбӣ мехонем, корҳои қисми низомиро анҷом медиҳем ва истироҳатро низ фаромӯш намекунем, - гуфт ӯ дар суҳбат.

Хушмеҳр Бадалов нав чор моҳ мешавад, ки ба хизмат омадааст. Ӯ Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо ихтисоси кори бонкӣ хатм кардааст. Ният дорад, ки пас аз итмоми хизмати ҳарбӣ таҳсилро давом диҳад.

Ҳамчунин, ҳамсуҳбати мо нақл кард, ки дар қисми низомӣ барои сарбозон омӯзиши забони англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки яке аз он толибилмон аст.

Муродбек Муҳиддинов ҳам аз ҷумлаи сарбозони маълумоти олидор аст. Ӯ хатмкардаи Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон буда, моҳи панҷум мешавад, ки хизмат карда истодааст.

-Хизмати ҳарбӣ василаест, ки мо ба қадри волидону наздиконамон мерасем. Ҳаёти ин ҷо аҷиб аст, - илова кард ӯ.

Довудҷон Қосимов бо вуҷуди хатми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси андоз ва андозбандӣ ҳоло дар қисми низомӣ дарси кимиёшиносӣ меомӯзад. Майдонҳои махсусро, ки шояд амалиёте гузаронида шавад, месанҷад, ки ба ҷони сарбозону афсарон хатаре таҳдид накунад. То ҳол санҷидани обу хокро омӯхтааст. Мегӯяд, ки дар назар аст барои беҳтар омӯхтани касбаш шашмоҳа ба дигар қисми низомӣ интиқол ёбад.

Зубайдулло Раҳмонов дар қисми низомӣ ёрдамчии норинҷакандоз аст. Оиладор буда, мувофиқи қонун сари ҳар чанд вақт ба дидорбинии оилаву фарзандаш меравад.

Фикр дорад, ки дар оянда аз рӯи ихтисос фаъолият кунад ва хизмат ба Ватанро идома диҳад.

Ҳамин тариқ, дар қисми ҳарбии 12019 афсарону аскаронро бо рӯҳияи болидаи идона ва вуҷуди пур аз ифтихори ватандорӣ дарёфтем. Аз суҳбат бо онҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо ҷавонмардони ғаюру сарсупурдаи Тоҷикистон буда, барои ҳимояи ҳар ваҷаб хоки Ватан омодаанд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# АЁДАТИ САРБОЗОНУ АФСАРОН ДАР ШАҲРИ ҲИСОР



Дар тантанаи ҷашнӣ ба ифтихори 30 - солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қисми низомии №0124-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми низомии 41008В-и Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Ҳисор, доир гардид, намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, шуъбаи кор бо занон ва оила, бахши кор бо ҷавонон, собиқадорони меҳнат ва ҷанговарони башардӯст, падарону модарон ва муҳассилини муассисаҳои таълимии шаҳр ширкат намуда, афсарону сарбозони ин қисмҳои низомиро табрику таҳният гуфтанд.

Сипас, намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор, падару модарон, ҷавонон ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ бо шароити зисти сарбозон, аз ҷумла хонаи хоб, ошхона, ҷойи шустушӯй, китобхона ва варзишгоҳ шинос шуданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# «РӮЗИ ДАРҲОИ КУШОД» ДАР ҚИСМИ НИЗОМӢ



Бахшида ба 30 - солагии таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади шиносоӣ пайдо кардани ҷавонони синни тодаъватӣ бо шароити будубоши хизматчиёни ҳарбӣ дар қисми низомии 07150-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - воқеъ дар шаҳри Турсунзода «Рӯзи дарҳои кушод» баргузор гардид.

Дар он зиёда аз 400 ҷавон иштирок карда, бо шароити хизмат, ҷойи хӯрокхӯрӣ ва рахти хоб, ҳаммом ва майдони машқи сарбозон, техникаҳои муосири ҷангӣ, яроқу аслиҳаҳои муҷаҳҳази мавҷудаи қисми низомӣ шинос шуданд.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

# АРТИШИ МИЛЛӢ - МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИВУ ВАТАНДОРӢ

**Аз таъсиси Артиши миллиамон 30 сол сипарӣ гардид. Ба шарофати баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талошҳои Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18-уми декабри соли 1992 Қарор «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид ва ҳамин тавр ба таъсиси ин ниҳоди пурқудрат замина гузошта шуд.**

**Дар робита ба ҷойгоҳ ва рисолати Қувваҳои Мусаллаҳ, таърихи таъсису ташаккул, марҳилаҳои тайнамудаи он бо собиқадорон, роҳбарони зинаҳои гуногуни Вазорати мудофиа ва соҳаҳои дигар, олимону ҷомеашиносон ва омӯзгорон ҳамсуҳбат шудем.**



**Абдусаттор ШОҲИЁН, генерал - майор, муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ:**

- Дар ин рӯзҳои ҷашнӣ, ки кишварамон фазои идона дорад, аввалан ба низомиёну тамоми сокинони шарафмандамон 30-солагии таъсиси Артиши миллиро муборакбод мегӯям.

Артиши миллӣ зода ва ҳамқадами Истиқлолияти давлатӣ буда, дар ин муддат ба ниҳоди пурқудрату боэътимод табдил ёфт. Давраҳои сипаринамудаи ин сохтори муҳими давлатдориро метавон пурарзиш маънидод кард, зеро дар бунёди ҷомеаи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми низомиёнамон назаррас аст. Дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар ба хизмати содиқонаи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ робитаи ногусастанӣ доранд. Саҳифаҳои пасисарнамудаи Артиши миллиамон шуҷоат, қаҳрамонӣ, садоқату ҷонфидоиҳои зиёди хизматчиёни ҳарбиро бозгӯ менамоянд. Ин нукта дар Паёму суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ёдоварӣ мешавад: «Қувваҳои Мусаллаҳ кафили амнияту якпорчагии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон буда, хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва зиндагии осудаи сокинони кишвар саҳми бузург доранд...».

Таъсису бунёди Артиши миллӣ бо рӯйдоди тақдирсоз - Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ робитаи зич дорад. Он шабу рӯз, новобаста ба вазъи мураккаби сиёсӣ ва душвориҳои иқтисодӣ, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди Артиши миллӣ асос гузоштанд.

Имрӯз Артиши миллии мо дар радифи Қувваҳои Мусаллаҳи кишварҳои пешрафта нуфузу эътибори хос пайдо кардааст. Ҳоло зиёда аз 80 фоизи афсароне, ки дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд, хатмкардагони донишкадаҳо ва академияҳои ҳарбии кишварҳои хориҷӣ мебошанд. Ҳар сол афсарон ва курсантҳои тоҷик ба давлатҳои дигар баҳри таҳсил, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи касбӣ фиристода мешаванд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кафили амнияту истиқлолияти мамлакат ва Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои марбута муҳофизати Ватан ва дифоъ аз манфиатҳои мамлакатро вазифаи асосии давлат ва кори тамоми халқ муайян намуда, масъалаҳои вобаста ба таҳкиму такмили Артиши миллӣ, фаъолияти он, омодагии доимии ҷангии қӯшунҳо ва ҳаёти ҳарбиро дар маркази диққат қарор додаанд. Ҳамин аст, ки Артиши миллӣ алҳол ба такягоҳи асосии давлат ва сипари боэътимоди миллат табдил ёфтааст.



**Раҳмонқул ШАРИФЗОДА, профессори соҳаи ҳуқуқ, мушовири адлияи дараҷаи як, собиқадори мақомоти адлия:**

- Тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон яке аз навъҳои муҳими тарбия буда, ҳамаи дигар шаклҳои тарбия маҳз аз он сарчашма мегиранд. Ватандӯстӣ муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъият, ғояи асосии ҳар як давлат, бахусус давлати соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, поядагӣ ва рушди ҳар як давлат аз садоқату эътимод, ватандӯстию сарсупурдагии шаҳрвандонаш вобастагии зиёд дорад. Ба таъкиди Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояаш омода будан, ба қадри осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан аз ҷумлаи арзишҳоеанд, ки туфайли тарбияи аҳолӣ дар заминаи онҳо давлати муқтадиру тавоно бунёд мегардад...».

Системаи тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун институти пурарзиши давлативу ҷамъиятӣ яке аз асоситарин самтҳои сиёсати давлат маҳсуб меёбад. Дар ин замина дар тарбияи ҳарбию ватандӯстии насли ҷавони мамлакат Артиши миллӣ саҳми калон дорад ва тӯли 30 сол ин вазифаро ба таври шоиста иҷро карда истодааст. Яъне, Артиши миллӣ ба як ниҳоди тарбияву бакамолрасонии насли ҷавон мубаддал гаштааст.

Қобили зикр аст, ки тарбияи насли ватандӯст вазифаи муҳими падару модарон, мактабҳои таҳсилоти умумиву олӣ ва тамоми ҷомеа ба шумор меравад. Дар баробари ин, шароити имрӯза тақозо менамояд, ки ҳамкориҳои судманд дар тарбияи насли солим, ҷисман обутобёфтаву соҳибхирад, соҳибмаърифат ва худшиносу худогоҳ боз ҳам густариш дода шаванд. Тарбияи насли ватандӯст вазифаи муҳими падару модарон, мактабҳои таҳсилоти умумиву олӣ ва тамоми ҷомеа ба шумор меравад.

**Шамсиддин ЗИЁЕВ, полковник, сардори шуъбаи таълимоти ҳарбии РКТҲ Вазорати мудофиа:**

- Ҳанӯз аз рӯзҳои аввал ҳифзи марзу буми Тоҷикистони соҳибистиқлоламон вазифаи низомиён муқаррар гашт. Ҳарчанд таъсису бунёди Артиши миллӣ дар солҳои душвори мухолифатҳои дохилӣ ҷараён гирифта бошад ҳам, талошу тадбирҳои саривақтии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, то он дар муддати кӯтоҳ ташаккул ёбад.



Сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ аз таълиму тарбияи самарабахшу дурусти афсарону сарбозон, риояи талаботи оинномаҳои умумиҳарбӣ ва интизоми қатъӣ, мунтазам такмил додани донишҳои сиёсиву низомӣ бо дарназардошти воқеият ва талаботи рӯз, инчунин, ҳисси баланди ватандӯстиву садоқати хизматчиёни ҳарбӣ вобастагии мустақим дорад. Бо ин мақсад, роҳбарият ва ниҳодҳои дахлдори Вазорати мудофиа пайваста барномаву нақшаҳоро таҳияву роҳандозӣ менамоянд. Ҳоло ҳама шароити зарурӣ бо мақсади амалисозии ҳадафҳои зикргардида дар ҷузъу томҳои вазорат мавҷуданд.

Дар маҷмӯъ, Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон ва ҳайати шахсии он аз иҷрои ҳама гуна вазифаҳои гузошташуда баромада метавонанд ва албатта, ин ҳама аз баракати фазои созандагиву ободонӣ, сиёсати дурандешонаи Роҳбари давлатамон аст.



**Дилшод ҚУРБОНЗОДА, полковник, сардори кафедраи ҳарбии ДТҶТ ба номи С. Раҳимов:**

- На танҳо сокинони бошарафи кишварамон, балки оламиён шоҳид гашта истодаанд, ки сиёсати дурандешонаву созандаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самараовар буда, тамоми соҳаҳо сол аз сол бомаром рушд меёбанд. Сокинони иззатманди кишвар дар фазои сулҳу салоҳ, созандагиву пешрафту дигаргуниҳо кору пайкор доранд. Барои низомиёни кишвар, аз ҷумла афсарон – омӯзгорони кафедраи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов ғамхориҳои роҳбарияти олии кишвар ба соҳаи ҳарбӣ пайваста эҳсос мегардад.

Имрӯз садҳо нафар ҷавонони лаёқатманд на танҳо дар мамлакат, балки дар муассисаҳои беҳтарини кишварҳои дуру наздик нозукиҳои касби ҳарбиро омӯхта, ба ҷузъу томҳои Артиши миллии кишвар ҷалб гашта истодаанд. Дар ин радиф сол то сол сафи афсарони касбӣ аз ҳисоби ҷавонон зиёд мегардад.

Дар баробари Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа, факултети омодагии дифои ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов низ зиёда аз 40 сол боз ҳамчун ягона факултет дар миқёси ҷумҳурӣ ва кафедраи ҳарбии донишкада рисолатро барои омода кардани афсарон, мутахассисон барои ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар мақомоти қудративу низомӣ, инчунин, барои тайёр кардани омӯзгорони риштаи ҳарбӣ ба таври шоиста иҷро карда истодааст.



**Қаршибой ВОСИЕВ, устоди ДТҶТ ба номи С. Раҳимов:**

- Дар натиҷаи таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти олии давлат ба сиёсати ҳарбӣ чун як самти муҳими давлатдорӣ, ҳоло Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон дар радифи кишварҳои пешрафта қарор дорад, он чун як ниҳоди муҳими давлат симои сиёсии кишварамонро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда истодааст. Агар марҳилаҳои тайнамудаи ин ниҳоди муҳими давлатдориро баҳогузорӣ намоем, дар ин давра рисолату нақши арзишманди низомиён дар таъмину таҳкими даврони истиқлолияти мамлакат мушоҳида мегардад.

Дар баробари ин, нақши Артиши миллӣ ҳамчун мактаби тарбияву камолоти насли ҷавон тайи 30 соли сипаригашта ба назар мерасад. Ҳамин аст, ки дар Паёму суханрониҳояшон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста бо қаноатмандӣ ёдовар мешаванд, ки: «Мо ба фарзандони ҷасуру далери халқамон – ҳомиёни Ватани маҳбубамон эътимоди комил дорем ва бо онҳо ифтихор мекунем...».

Воқеан, ватанпарварӣ ва садоқат ба Ватан дар шароити имрӯза аҳамияти бештарро касб менамоянд. Бо дарки ин нукта, бо итминон метавон гуфт, ки ҷавонони мамлакат бо изҳори баланди ватандӯстӣ ҳамеша баҳри хизмати содиқонаву ҳимояи марзу буми кишвар дар сафҳои Артиши миллӣ рисолату қарзашонро иҷро менамоянд.

**Фароҳамсоз**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

## ОШКОРШАВИИ 36 ҲОЛАТИ ТАЪЛИМОТИ ҒАЙРИРАСМИИ ДИНӢ



**- Соли 2022 дар ҷумҳурӣ 22 ҳазору 481 ҷиноят аз ҷониби субъектҳои бақайдгирӣ-баҳисобгирӣ ба қайд гирифта, аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ 14 ҳазору 612 ҷиноят ошкор шудаст, - зикр кард вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Рамазон Ҳамро зимни нишасти матбуотӣ 15-уми феврали соли 2023.**

Номбурда афзуд, ки дар давраи зикршуда одамкушӣ ва сӯиқасд ба он 58, роҳзанӣ - 37, ғоратгарӣ - 130, таҷовуз ба номус - 23, савдои одамон - 24, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 131, авбошӣ - 1103, қаллобӣ - 1856, дуздӣ - 4868, ҷиноятҳои иқтисодӣ 250 ҳолат ба қайд гирифта шудаанд.

Дар натиҷаи пурзӯр кардани ҳамкорӣ бо аҳолӣ соли 2022 дар ҷумҳурӣ 500 силоҳи оташфишон ва дигар лавозимоти ҷангӣ мусодира гардид. Ҳангоми амалӣ кардани чорабиниҳои оперативӣ- ҷустуҷӯӣ аз тарафи ҷузъу томҳои мақомоти корҳои дохилӣ 1 тоннаю 412 кило воситаҳои нашъадор мусодира шуд. Дар мамлакат 36 ҳолати таълимоти ғайрирасмии динӣ ошкор шуда, 8 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои хориҷӣ таълимоти ғайриқонунии динӣ мегирифтанд, ба Ватан баргардонида шуданд. Дар ин давра нисбат ба падару модароне, ки уҳдадориҳояшонро дар таълиму тарбияи фарзанд иҷро накардаанд ва масъулини муассисаҳои таълимӣ бо дастрасии моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ҳазору 348 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ба суди шаҳру ноҳияҳои кишвар ирсол шуд.

Оид ба риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 450 ҳолат, аз ҷумла зодрӯз, хатнасур, тӯйи домодиву арӯсӣ, маросими ҳоҷибинон ва дафну азодорӣ ба қайд гирифта шуд. Дар ин хусус парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз гардида, 128 парвандаи маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор дорад. Дар ин давра бар асари 1096 садамаи нақлиёт 416 нафар ба ҳалокат расида, 1197 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштанд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**




## ОШКОР ГАРДИДАНИ 247 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАРИ МОЛИЯВӢ

**- Мутахассисони самти назорати давлатии молиявӣ дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 483 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронида, 247 миллион сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуданд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ 17-уми феврали соли равон директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Султонзода.**

Бино ба гуфти ӯ, тавассути чораҳои андешидашуда аз ин маблағ 264 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шудааст.

Воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи агентӣ 2155 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта нисбат ба 1176 нафар, инчунин бо дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки 918-тои он ба гурӯҳи ҷиноятҳои вазнин шомиланд, ошкор намуданд.

Муфаттишони агентӣ 901 парвандаи ҷиноятиро ба пешбурд қабул намуда, тафтиши пешакии 681 адади онро нисбат ба 826 нафар ба анҷом расонидаанд.



Дар давраи сипаригардида баррасии саривақтии 3513 муроҷиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ таъмин гардидааст, ки 1104 талаботи арзкунандагон қонеъ ва нисбат ба 2257 муроҷиат қарорҳои дахлдори қонунӣ қабул шуда, 152 муроҷиат бо сабаби беном будан мавриди баррасӣ қарор дода нашуда, як муроҷиат дар баррасӣ қарор дорад. Дар як вақт аз ҷониби роҳбарияти агентӣ 402 шаҳрванд қабул гардида, аз рӯи муроҷиати онҳо чораҳои қонунӣ андешида шудааст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

## ДАР НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ 23 КОРХОНАИ НАВ СОХТА МЕШАВАД



**Соли 2022 иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 577 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил дод, ки аз нақшаи пешбинишуда 27,2 миллион сомонӣ зиёд аст. Дар ин хусус иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Фирдавсӣ Умед Гуреззода 15 - уми феврали соли равон дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон иттилоъ дод.**

Зикр гардид, ки аз 146 корхонаи саноатии ноҳия 77 адад истеҳсоли маҳсулотро дар қиёс бо соли 2021 зиёд намуданд. Даромади корхонаҳо дар 11 моҳи соли сипаришуда 447 миллион сомониро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба соли 2021 -ум 209,2 миллион сомонӣ зиёд аст.

Соли гузашта истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар маҷмӯъ 1 миллиарду 40 миллион сомониро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба соли 2021 -ум 22,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

- Дар мавсими ниҳолшинонӣ, ки аз тирамоҳи соли 2022 оғоз ёфт, то 6 - уми январи соли равон дар ноҳияи Фирдавсӣ 19 ҳазору 337 ниҳоли дарахту буттаҳои гуногун шинонида шуд. То охири мавсим ин рақам ба 45360 бех хоҳад расид, - гуфт Умед Гуреззода.

Қайд гардид, ки дар доираи нақша - чорабиниҳо оид ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия бунёди 102 бинои баландошёнаи истиқоматӣ, 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 7140 ҷой, 10 муассисаи томактабӣ барои 2020 ҷой, 23 коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва марказҳои замонавии савдою хизматрасонӣ дар назар аст.

Ҳоло дар ноҳияи Фирдавсӣ 295 хоҷагии деҳқонӣ, 2 хоҷагии ҷамоавӣ ва 19 гармхонаи доимоамалкунанда фаъолият мекунад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

## СОЛИ ГУЗАШТА БА ТОҶИКИСТОН 767 ЭЛЕКТРОМОБИЛ ВОРИД ШУД

**Агар соли 2021 ба Тоҷикистон 47 электромобил ворид шуда бошад, соли 2022 ин рақам ба 767 адад расид. Дар ин хусус муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Турсунзода 15-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Зикр гардид, ки соли сипаришуда нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ 6 миллиарду 464 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Дар ин муддат 7 миллиарду 371 миллион сомонӣ ситонида шуд, ки 114,3 фоизи нақшаро ташкил дода, аз нақшаи пешбинишуда 907 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

- Сабаби асосии барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ, амалӣ кардани як қатор чорабиниҳои иловагии такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, аз қабили дуруст муайян намудани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифатнокии барасмиятдадории гумрукӣ, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо субъектони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пурзӯр кардани фаъолият дар самти пешгирии воридоти ғайриқонунии мол, назорати баъд аз барасмиятдарории гумрукӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти назоратии давлатӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад, - гуфт Азим Турсунзода.

Таъкид гардид, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, технологияи таҳлилу коркарди маълумот дар шакли электронӣ, ғайринақдӣ пардохт намудани боҷҳои гумрукию андозҳо, таъсиси низоми Равзанаи ягона ва мукаммалгардонии идораи таваккал дар низоми иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи хадамот низ ба иҷрои босифат ва барзиёди нақшаи пардохтҳои гумрукӣ мусоидат кард.




Соли 2022 дар муқоиса ба соли 2021 воридоти мол аз Федератсияи Россия ба маблағи 965,1 миллион доллар, Қазоқистон - 305,2, Хитой - 162, ИМА- 106,8, Ӯзбекистон - 66,4, Эрон - 41,8, Япония - 202,2 ва Беларус 44,1 миллион доллар афзуд. Содирот ба 2 миллиарду 330 миллион доллар баробар шуда, дар қиёс ба соли 2021-ум 543,1 миллион доллар (ё 30,4 фоиз) зиёд шуд.

**С. НАҶМИДДИНЗОДА, «Садои мардум»**

## НОҲИЯИ РӮДАКӢ: 2200 ГЕКТАР ЗАМИН БЕ ОБ МОНД



**Иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ Абдуғаффор Ҳикматуллозода дар нишасти матбуотие, ки 15-уми феврали соли равон доир гардид, ба хабарнигорон оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар соли 2022 маълумот дод.**

Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра буҷети ноҳия 201 миллиону 818 ҳазор сомонӣ ё 109 фоиз иҷро гардид, ки аз нақша 16 миллиону 245 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия 176 миллиону 456 ҳазор сомонӣ ё 109,2 фоиз таъмин гардид, ки ин аз нақша 14 миллиону 983 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Қисми хароҷот бошад, 221 миллиону 543 ҳазор сомонӣ иҷро шуд, ки 99,3 фоизи нақшаро нишон медиҳад.

Маълум гардид, ки дар ин давра корхонаҳои саноатии ноҳия истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба маблағи 612,6 миллион сомонӣ ё 117,1 фоиз таъмин намуданд, ки дар қиёс ба соли қаблӣ 94,6 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Нақшаи андози иҷтимоӣ 60 миллиону 223 ҳазор сомонӣ ё 103 фоиз иҷро гардида, қарздорӣ ва ба таъхир мондани пардохти музди меҳнат ва андози иҷтимоии кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ вуҷуд надорад.

Бино ба гузориши иҷрокунандаи раиси ноҳия, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама шакли хоҷагидорӣ ба 661 миллиону 924 ҳазор сомонӣ расидааст. Дар ин давра 35 ҳазору 727 тонна ғалладона, 10 ҳазору 248 тонна картошка, 27 ҳазору 42 тонна сабзавот, 7847 тонна меваҷот ва 1760 тонна ангур истеҳсол шудааст.

Соли 2022 чун солҳои пешин дар баъзе минтақаҳои заминҳои обёришавандаи кишоварзии ноҳия мушкилоти беобӣ боқӣ мондааст. Аз ҷумла, 400 гектар замини корами обӣ дар деҳоти «Гулистон», 1200 гектар дар деҳоти «Лоҳур» ва 600 гектар дар деҳоти «Султонобод» бе об монданд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

## ИСТЕҲСОЛИ 6470 ТОННА АНГУР ДАР ЯК СОЛ

**- Соли 2022 дар ҳама шакли хоҷагидории ноҳияи Муъминобод истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 893 миллиону 624 ҳазор сомонӣ расид, - гуфт раиси ноҳияи Муъминобод Лутфия Шарифзода зимни нишасти матбуотӣ 14-уми феврали соли 2023.**

Ӯ, ҳамчунин, зикр кард, ки соли сипаригашта, кишоварзони ноҳия дар 15 ҳазору 249 гектар кишти зироатро ба роҳ монданд, ки 11 ҳазору 077 гектар ғалладонагиҳо, 917 гектар зироати техникӣ, 623 гектар картошка, 627 гектар сабзавот, 193 гектар полезӣ ва 1812 гектарро хӯроки чорво ташкил медиҳад.



Истеҳсоли ғалладона бо ҷуворимаккаи дон ба 30 ҳазору 249 тонна, картошка – 10 ҳазору 205, сабзавот – 15 ҳазору 335, зироати техникӣ – 459 ва полезӣ ба 5660 тонна расид.

Тибқи дурнамо, дар 6212 гектар кишти тирамоҳии зироати кишоварзӣ гузаронида шуд, ки 100,1 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

- Корхонаҳои саноатӣ якҷо бо бахши хусусӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 34 миллиону 585 ҳазору 400 сомонӣ расониданд. Дар ноҳия 2712 гектар боғ ва 588 гектар токзор мавҷуд аст. Боғпарварони ноҳия дар ин давра 6 ҳазору 470 тонна ангур ва 15 ҳазору 761 тонна дигар мевагиҳо истеҳсол карданд, - афзуд Лутфия Шарифзода.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## ЁВОН: ВАЗЪИ РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НОҲИЯ ТАШВИШОВАР АСТ

**- Истеҳсоли маҳсулоти хушсифати саноатӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи корхонаву коргоҳҳои саноатии кишварамон мебошад. Соли 2022 корхонаҳои саноатии ноҳияи Ёвон ба маблағи 1 миллиарду 749 миллиону 216,2 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2021-ум 114 миллиону 527 ҳазор сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши он 107 фоизро ташкил медиҳад, - изҳор дошт иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ёвон Бахтиёр Шарифӣ**



**16-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Гуфта шуд, ки соли 2022 Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 3 миллиарду 532 миллиону 282 ҳазор сомонӣ расид, ки назар ба як соли пеш 246 миллиону 282 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ 102,5 фоиз ва даромади андозҳои буҷети давлатӣ, бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 100,2 фоиз таъмин гардид. Шабакаҳои барқ ва тақсимоти барқи ноҳия дар ин давра 580,54 миллион кВт/с неруи барқ қабул карда, аз ин 433,38 миллион кВт/с барқи фоиданок буда, 25,34 фоизи онро талафот ташкил медиҳад. Маблағи ҳисобшуда 185 миллиону 196,6 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз аҳолӣ 21 миллиону 481,6 ҳазор сомониро ташкил дода, то имрӯз 20 миллиону 643,8 ҳазор сомонӣ ё 96,1 фоизи он ҷамъоварӣ шудааст. Аз ҷониби корхонаву идораҳо 175 миллиону 167,4 ҳазор сомонӣ ё 94,6 фоиз пардохт шуда бошад ҳам, вале қарз аз истифодаи неруи барқ то ҳол ҷой дошта, он 10 миллиону 22 ҳазор сомонӣ аст.

Журналистон оид ба вазъи ногувори кӯчаҳои маркази ноҳия, дарёи Ёвонрӯд, наҳри калони гардиши кӯчаи Кaром Мирзоев ва чанде аз биноҳои маркази ноҳия суолҳо пешниҳод карданд. Барои ҷавоби мушаххас пайдо кардан Бахтиёр Шарифӣ ба масъулон такя кард, вале нафаре аз онҳо дар нишасти матбуотӣ ширкат надоштанд.

**З. МУҲАММАД,**
**«Садои мардум»**



## 61 ҲАЗОР НАФАР БО ОБИ НӮШОКӢ ТАЪМИН МЕШАВАНД

**Дар ин бора раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Сафармаҳмад Раҳимзода 16-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

Зикр гардид, ки ин тадбир бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва маблағгузории шарикони рушд амалӣ мегардад.

Бино ба қавли раиси ноҳия, маблағи лоиҳа 15 миллион доллари амрикоӣ буда, он дар ду соли оянда амалӣ хоҳад шуд.

- Ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 187 ҳазор аҳолӣ дорад ва сокинон аз таъминоти оби нӯшокӣ мушкилӣ доштанд. Баъди амалишавии лоиҳа шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ пурра ва се Ҷамоати деҳоти дигар қисман, 24 соат бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мегарданд, - гуфт С. Раҳимзода.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## ҚОНУНГУЗОРИИ ЗАМИНРО 12 ҲАЗОРУ 717 МАРОТИБА ВАЙРОН КАРДАНД

**То 1-уми январи соли 2023 майдони умумии заминҳо дар ҷумҳурӣ 14 млн. 137 ҳазору 907 гектарро ташкил медиҳад. Ин маълумотро 15-уми феврали соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ориф Хоҷазода баён кард.**



Ҳамчунин, илова намуд, ки соли 2022 корҳои назоратӣ дар миқёси кишвар идома ёфта, аз ҷониби кумита ва мақомоти он дар маҳал 12 ҳазору 717 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор ва барои бартараф кардани онҳо 11 ҳазору 140 дастур дода шуд. Дар баробари ин, нисбат ба 11 ҳазору 20 ҳолат парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 5 млн. 643 ҳазору 760 сомонӣ қарорҳои ҷаримабандӣ қабул гардид, ки аз ин 4 млн. 664 ҳазору 830 сомонӣ ба суратҳисоби махсуси кумита ворид шуд.

Барои додани баҳои ҳуқуқӣ 868 мавод ба прокуратура, 1000 мавод барои бо таври маҷбурӣ ситонидани маблағи ҷаримаҳо ба Хадамоти иҷро ирсол ва 9791 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин дар маҳал бартараф гардид.

- Дар давраи зикршуда, ҳамчунин, делимитатсия, демаркатсияи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсарҳад идома ёфта, ҳафт воҳӯрӣ бо намояндагони Ҷумҳурии Қирғизистон, 9 вохӯрии ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва 9 вохӯрии гурӯҳҳои кории саҳроии демаркатсионии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва як вохӯрии Комиссияи муштараки Тоҷикистону Хитой оид ба сарҳади давлатӣ баргузор гардид, - гуфт раиси кумита.

Тибқи низомнома оид ба ташкили кор ва тартиби гуфтушунид оид ба делимитатсияи давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки муҳтавои протоколҳо ва асноди иҷрои корҳо махфӣ буда, танҳо пас аз мувофиқаи ҳар ду ҷониб расонаӣ карда мешавад.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**



## БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗҲО КАМ ГАРДИД

**Соли 2022 аз ҳисоби андоз ва пардохтҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ 15 млрд. 387 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 594 миллион сомонӣ ва нисбат ба нақшаи аниқшуда, бо назардошти дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳо қабул гардидани буҷетҳои иловагӣ 537 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода 16-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Номбурда афзуд, ки иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ нисбат ба солҳои қаблӣ беҳтар гардида, дар ин давра нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ ва андоз аз арзиши иловашуда таъмин нагардид.

Иттилоъ дода шуд, ки бақияи қарзи андозҳо то якуми январи соли 2023, дар маҷмӯъ, 728 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 78 миллион сомонӣ кам мебошад.

Соли 2022 аз тарафи мақомоти андоз нисбат ба андозсупорандагони қарздор зиёда аз 13 ҳазор қарор оид ба маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи 886 миллион сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 884 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба маблағҳои дар соли 2021 воридшуда 21 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи зикршуда зиёда аз 17 ҳазор ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ошкор ва шахсони дахлдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба онҳо ба маблағи умумии 206,6 миллион сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардид. Аз ин ҳисоб он ҷаримаҳо, инчунин, аз ҳисоби ҷаримаҳои солҳои қаблӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ 251 миллион сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбат ба соли 2021- ум 25 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**



## ВАРЗОБ: ИМКОНИ БУНЁДИ БИНОҲОИ БАЛАНДОШЁНА ВУҶУД ДОРАД

**Агар дар нишастҳои матбуотии қаблии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб роҳбарият аз дастоварду пешравиҳо, мушкилоти ҷойдошта ва иҷрои нақшаҳои пешбинишуда мужда медоданд, ин навбат иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳия Шарифхон Сафарзода ба хабарнигорон аз хусуси вуҷуд доштани имкони бунёди биноҳои баландошёнаи замонавӣ дар ин минтақаи истироҳатию сайёҳии кишварамон иттилоъ дод.**

Зимни рӯнамоии фаъолияти яксолаи соҳаҳои гуногуни ноҳия хабарнигорон аз дастовардҳои дигар низ огоҳ гардиданд. Барои мисол аз рӯи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи «Равзанаи ягона» дар ноҳия 1195 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нишондод дар муқоиса ба як соли пеш се адад зиёд мебошад. Аз тарафи соҳибкорон ба буҷети ноҳия 2 миллиону 270 ҳазору 554 сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 41,5 фоиз зиёд мебошад. Ҳамчунин, аз тарафи филиали БДА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Варзоб барои дастгирии соҳибкорон ба 360 нафар, 4 миллиону 742 ҳазору 800 сомонӣ қарз ҷудо шуд.

- Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб бунёду сохтмони 158 иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки айни замон сохтмони 20 иншоот идома дошта, 13 адади он мавриди истифода қарор гирифтаанд, - афзуд Шарифхон Сафарзода.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ШАҲРИ ВАҲДАТ: ҚАРЗИ ИСТИФОДАИ НЕРУИ БАРҚ ДАР АФЗОИШ АСТ



**- Соли 2022 Шабакаҳои барқи шаҳри Ваҳдат 454,9 миллион кВт/соат неруи барқ қабул карда, 323,3 миллион кВт/соати онро ба маблағи 102 миллиону 303 ҳазор сомонӣ фурӯхтааст.**

Талафоти барқ 131,5 миллион кВт/соатро ташкил медиҳад, ки 28,9 фоиз буда, ҷамъоварии маблағи неруи барқи истифодашуда 81 фоиз, аз ҷумла аз ҳисоби аҳолӣ 71,5 фоизро ташкил медиҳад. Қарздорӣ аз истифодаи неруи барқ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳо ва аҳолӣ 110 миллиону 574 ҳазор сомонӣ ва корхонаву идораҳо 29 миллиону 502 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли қаблӣ 18 миллиону 730 ҳазор сомонӣ ё 15,4 фоиз афзудааст, - гуфт раиси шаҳр Мирзо Исмоилзода 15-уми феврали соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ.

Зикр шуд, ки бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 808 иншооти гуногун, аз қабили корхонаҳои саноатӣ, тандурустӣ, маориф, варзиш, фарҳанг, хизматрасонӣ ва биноҳои истиқоматӣ, ба нақша гирифта шуд. Дар ин давра 25 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар 157 иншоот корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Ба ифтихори солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» соли 2022 бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ нуҳ корхонаи саноатӣ дар самти истеҳсоли хӯроки моҳӣ, равғани растанӣ, хишти пухта, маҳсулоти сохтмонӣ ва сангҳои ороишӣ ба истифода дода шуд.

Мирзо Исмоилзода иброз дошт, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ваҳдат барои солҳои 2021- 2025» 220 лоиҳаро ба маблағи 1 миллиарду 71 миллион сомонӣ дар бар мегирад. Солҳои 2021- 2022 бояд 200 лоиҳа ба маблағи 441 миллиону 742 ҳазор сомонӣ амалӣ мегардид. Мутаассифона, дар ду сол 126 лоиҳа ба маблағи 272 миллиону 300 ҳазор сомонӣ (61,6 фоиз) ба иҷро расидааст.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**




## 7,5 ФОИЗИ ДОНИШҶӮЁН ХОРИҶИЁНАНД

**- Дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе донишҷӯён аз рӯйи 6 равияи таълимӣ, аз ҷумла математикаи амалӣ ва информатика, химия, физика ва механикаи мавод, геология, идоракунии давлатӣ ва мунисипалӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва лингвистика омода мегарданд, - гуфт директори филиал Рустам Ғаниев 16-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ ва афзуд, ки соли сипаришуда 95 нафар донишгоҳро хатм кардаанд.**

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти филиал рушди содироти хизматрасониҳои таълимӣ мебошад, ки дар доираи он зиёдкунии пайдарҳами миқдори донишҷӯёни хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ин давра 34 донишҷӯи хориҷӣ таҳсил намуда истодаанд, ки 7,5 фоиз аз теъдоди умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд.

Маълумот гирифтем, ки дар филиал литсей аз рӯйи равияи илмҳои табиӣ, ки 1-уми сентябри соли 2012 кушода шуд, амал мекунад. Раванди таълим дар литсей мувофиқи марҳилаҳои дуюм ва сеюм сурат мегирад ва он барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро амалӣ менамояд, ки тибқи иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёрии иловагии хонандагонро аз фанҳои табиӣ ва риёзӣ пешбинӣ кардааст.

**Мафтунаи ҲИСОРӢ,**
**«Садои мардум»**

## ИФТИТОҲИ НАХУСТИН МАРКАЗИ КЛИНИКӢ ВА ИЛМӢ - ТАЪЛИМӢ

**- Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар панҷ факултет: «Факултети тиббӣ-психологӣ», «Факултети иҷтимоӣ», «Факултети табобатӣ», «Факултети фармасевтӣ» ва «Факултети стоматология» мутахассис омода менамояд. Ин нуктаро ректори Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон Ибодзода Зарина Ҳабибулло зимни нишасти матбуотӣ, ки 15-уми феврали соли равон доир гардид, зикр намуд.**



Ҳамчунин, маълум шуд, ки ҷиҳати пешбурди раванди таълиму тарбия дар сохтори донишкада 20 кафедра фаъолият дорад. Аз ин теъдод кафедраҳои анатомияи паталогӣ, беҳдошт ва экология, кафедраи микробиология, вирусология ва гистология соли 2022 таъсис дода шуданд.

Ҳайати профессорону омӯзгорони донишкада 170 нафар буда, 105 (61,8 фоиз) нафари онҳо омӯзгорони асосӣ ва 65 (38,2 фоиз) нафар омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Аз теъдоди умумӣ 51 кас дорои дараҷа ва унвони илмӣ мебошанд.

Шумораи умумии донишҷӯёни донишкада 1827 нафар буда, аз ин теъдод 773 нафарро донишҷӯдухтарон ташкил медиҳанд. Теъдоди донишҷӯён нисбат ба соли 2021-ум 895 нафар ё 48,9 фоиз зиёд гардидааст.

Дар донишкада соли 2022 Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимӣ кушода шуд, ки ин амал дар таҷрибаи сохтори тандурустии мамлакат аввалин буда, дар он шуъбаҳои эндоҷарроҳӣ ва эндоурологӣ, терапевтӣ, кардиологӣ, стоматологӣ, гинекологӣ, дармонгоҳӣ амал карда, беморон табобат мешаванд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413667 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар муассиса (идомаи корҳои бетонӣ. Дастгоҳи плитаҳои таҳкурсии оҳану бетонии ҳамвор. Ҳаҷм: 678м³) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.03.2023 15:05:00 |
| 2 | 413665 | Раёсати кишоварзии ноҳияи Ашт | Равғани турбинавӣ, равғани молиданӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 14.03.2023 15:15:00 |
| 3 | 413668 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии вилояти Суғд | Либоси низомӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 14.03.2023 15:30:00 |
| 4 | 413669 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Таҷҳизоти тиббӣ (лапароскопическая стойка) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 14.03.2023 15:30:00 |
| 5 | 413670 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 14.03.2023 15:30:00 |
| 6 | 413671 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Системаи мобилии баландбасомади С-дуга ва принтери тамғаи «Агфа» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 14.03.2023 16:10:00 |
| 7 | 413672 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон | Идомаи корҳои сохтмонӣ дар иншооти бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и деҳаи Дӯлонамайдони ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.03.2023 17:32:22 |
| 8 | 413673 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон | Сохтмони беморхона дар Ҷамоати деҳоти ба номи Сайф Раҳими ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.03.2023 17:37:23 |
| 9 | 413674 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбӣ - техникии саноати кишоварзӣ»-и шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии бинои корпуси таълимии №2-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 14.03.2023 17:42:25 |
| 10 | 413675 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороиш»-и шаҳри Душанбе | Торфгарӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 14.03.2023 18:05:00 |
| 11 | 413678 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №85»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.03.2023 09:30:00 |
| 12 | 413681 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Тухми алаф, ниҳоли гул, торф ва поруҳои органикию минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 15.03.2023 09:52:38 |
| 13 | 413676 | Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунӣ»-и ноҳияи Варзоб | Сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.03.2023 10:00:00 |
| 14 | 413679 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Таҷҳизот ва дастгоҳҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 15.03.2023 10:00:00 |
| 15 | 413683 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Телевизор, стенд барои телевизор ва терминалҳои видеоӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 15.03.2023 11:30:00 |
| 16 | 413686 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Тухми мурғ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.03.2023 11:55:00 |
| 17 | 413690 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 15.03.2023 11:58:29 |
| 18 | 413687 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии бемориҳои сил»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 15.03.2023 13:00:00 |
| 19 | 413695 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Маводи хоҷагидорӣ, маводи ошхонавӣ, таҷҳизоти маишӣ ва уребчаҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 15.03.2023 13:00:00 |
| 20 | 413693 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири роҳрав аз тахтасангҳои бетонӣ ва асфалт дар ҳудуди ноҳияи Шоҳмансур | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.03.2023 13:05:00 |
| 21 | 413698 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва азнавсозии бино ва ҳудуди МД «Қасри миллат» ва «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.03.2023 13:10:00 |
| 22 | 413696 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Маводи гуногуни хоҷагидорӣ, шустушӯй, тозакунӣ ва беҳдоштӣ барои чорабиниҳои расмӣ дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 74 | 15.03.2023 13:15:00 |
| 23 | 413697 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Сӯзишворӣ барои Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон ва бахши он дар ноҳияи Шаҳристон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 15.03.2023 13:15:00 |
| 24 | 413699 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 15.03.2023 13:15:00 |
| 25 | 413700 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №129» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 15.03.2023 13:20:14 |
| 26 | 413688 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагидоӣ ва канселярӣ, барқӣ, сантехникӣ, картриҷ, антивирус, диски дурушт ва оташхомӯшкунак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 15.03.2023 13:30:00 |
| 27 | 413684 | Муассисаи давлатии «Идораи рӯзномаи «Садои мардум» | Суратгирак ва объектив | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.03.2023 14:00:00 |
| 28 | 413682 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Нурии минералӣ ва тубак барои гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 15.03.2023 14:44:44 |
| 29 | 413680 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ранги равғанин ва чутка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.03.2023 14:54:54 |
| 30 | 413704 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Таджиктрансгаз» | Азнавсозӣ намудани хатҳои интиқоли гази табиӣ ба самти «МБГ-1»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.03.2023 15:00:00 |
| 31 | 413692 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Дарахти ороишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 15.03.2023 15:25:25 |
| 32 | 413701 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Шинаи автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 15.03.2023 15:33:33 |
| 33 | 413691 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Молҳои барқӣ, хоҷагидорӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ноқил, майса ва гулҳои сунъӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 15.03.2023 15:35:35 |
| 34 | 413702 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Масолеҳи сохтмонӣ, диски алмосӣ, қубурҳои оҳану бетонӣ ва плитаҳои бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 15.03.2023 15:55:55 |
| 35 | 413703 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Диски алмосӣ ва плитаи бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.03.2023 16:46:46 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мухлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# АГЕНТИИ ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОИ ИШҒОЛ НАМУДАНИ МАНСАБИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:**

Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус:

- сармутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ё кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог, дигар мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ – 1577 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба бонувону занҳо ва шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

Довталабон ба комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4 x 6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефонҳои 227-66-21, 227-66-79 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати 17[00]) муқаррар мешавад.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**№ RWSSP/NCB/G/001**
**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС)**
**Грант № D4310-TJ**
**Закупка спецтехники для Восейского района и группы Вахшских районов (6 шт. водовозы и 2 шт. ассенизационная машина, 1 шт. автокран манипулятор)**
**Номер НКТ: RWSSP/NCB/G/001**

1. Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для реализации Проекта сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) и намерена использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Контракту на закупку спецтехники (6-х водовозов (автоцистерн для питьевой воды), 2-х ассенизационных машин и 1 автокран манипулятор, № RWSSP/NCB/G/001.

2. Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС) настоящим приглашает правомочных и квалифицированных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения относительно закупки спецтехники (2-х водовозов (автоцистерн для питьевой воды), 1 автокран манипулятор и 2-х ассенизационных машин.

3. Конкурсные торги будут проводиться по процедурам национальных конкурсных торгов в соответствии с Руководством Всемирного банка: Руководство по закупкам товаров, работ и неконсультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР опубликованный «Правила закупок для заемщиков ФИП» Всемирного Банка (июль 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года и августе 2018 года) - Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов товары, работы, неконсультационные и консультационные услуги)» и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 3.14, 3.15, где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

4. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию в ЦУП РМИ в РТ, Проекта сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС), E-mail: **rwssp@midp.tj** и ознакомится с документацией для торгов по указанному ниже адресу: г. Душанбе, Таджикистан, ул. Н.Карабаева - 56, почтовый индекс: 734025, тел: +992 37 33 88 25; + 992 37-33-13-30 с 8[00] до 17[00] ч.

5. Квалификационные требования включают:

**Критерии оценки**

**Постквалификационные требования**

После определения конкурсного предложения с наименьшей оценочной стоимостью в соответствии с подпунктом 33.1 ИУТ покупатель должен провести последующий квалификационный отбор участников торгов согласно пунктом 34 ИУТ, применяя только оговоренные требования. Условия, не включенные в приведенный ниже текст, не должны применяться для оценки квалификации участника торгов.

**(а) Финансовое положение**

Участник торгов должен представить документальное подтверждение того, что он соответствует следующим финансовым требованиям: Средний годовой оборот средств за последние три года (2020 - 2022 гг.) составил не менее 7 000 000,00 сомони.

**(б) Опыт и технические возможности**

Участник торгов должен представить документальное подтверждение того, что он соответствует следующим требованиям (требованию) к опыту: Участник торгов должен представить документальное подтверждение того, что он успешно осуществил поставку как минимум 100% товаров включенного в Перечень требований (товары должны быть таким же или схожим по характеристикам) в течение любого из 5 последних лет. Документальное подтверждение должно включать в себя Перечень работ с информацией по поставкам и удовлетворительном выполнении работ в течение последних пяти лет, включая контактную информацию о закупках.

6. Заинтересованные участники торгов могут получить полный комплект документации для торгов на русском языке после направления письменной заявки по указанному ниже адресу: Проект сельского водоснабжения и санитарии (ПСВС), E-mail: **rwssp@midp.tj,** Таджикистан, г. Душанбе, ул. Н. Карабаева - 56, почтовый индекс 734025, тел: +992 37 33 88 25; + 992 37-33-13-30. Документация для торгов будет направлена по электронной почте в формате PDF или курьером.

7. Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27, ящик для подачи тендерных документов до 16 марта 2023 г., 15[00] по местному времени. Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу: Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27, кабинет № 9, 16 марта 2023 г. в 15:15 по местному времени. Все конкурсные предложения должны сопровождаться Залоговым обеспечением на сумму 80 000,00 сомони (восемдесят тысяч сомони).

**С уважением Саидвализода А.Р.**

**Директор ЦУП РМИ в РТ Проект сельского водоснабжения и санитарии.**

# ЭЪЛОН!

Иҷрочиёни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён барои ба фурӯш мондани амволи ғайриманқули баҳабсгирифтаи қарздор - Ибрагимов Абдуқаҳҳор - Маркази ташхисӣ ва саломатӣ музояда эълон менамоянд.

Арзиши ибтидоии амволи ғайриманқул 290 000 (дусаду навад ҳазор) сомониро ташкил менамояд.

Музояда 27-уми марти соли 2023, соати 10[00] бо усули англисӣ дар бинои Суди ноҳияи Қубодиён гузаронида мешавад. Маълумоти иловагиро бо телефони 93-464-99-99 дастрас кардан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №1334-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2010 ба кумитаи иттифоқи касабаи кормандони корхонаҳои муштарак, хусусӣ, ширкатҳо ва ташкилотҳои байналмилалии Тоҷикистон (РМА 035140284) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №0246463-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2009 ба Мусоева Шаҳноза Идибековна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27-уми декабри соли 2007 дар асоси кори меросии 654/07 таҳти феҳристи №7Н-683 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қазоқон, бинои 73 бо ҳиссаи баробар ба Мирзоев Нозим Низомович ва Мирзоева Гулгумча додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши бинои соябони силсилаи ХТ №047265-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Қубодиён 21-уми декабри соли 2015 бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти сангин, деҳаи Ҷарқӯрғон (ҳоло Авесто) ба Ҳалимов Ҷума Лоиқович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бинои соябони гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгири молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 25-уми декабри соли 2014 таҳти №270 бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти сангин, деҳаи Ҷарқӯрғон (ҳоло Авесто) ба Ҳалимов Ҷума Лоиқович додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷати ронандагии категорияи «В» ва шиносномаи техникии автомашинаи тамғаи «Тойёта Марк-2», рақами давлатиаш - 88770Q1-и гумшудаи Асомуддинов Қурбонназар Одинаевич эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи Б № 0445929-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини ноҳияи Тавилдара (ҳоло Сангвор) соли 2007 ба Рафиев Бафо додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибос аз феҳрасти ягонаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва муҳри гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози шаҳри Хуҷанд ба ҶДММ «Троян» (РМА 5010015855) додааст, эътибор надоранд.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2021 ба Муминов Ҳоҷатулло Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини серияи Б №0504292-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Фалакон, бинои №48 ба Йигиталиев Умедҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии Федератсияи Россия таҳти силсилаи 8004608997-и гумшуда, ки онро Шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Благовари Ҷумҳурии Бошқирдистон 14-уми майи соли 2003 ба Султонова Бибихон Ходжиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи хориҷии шаҳрванди Федератсияи Россия бо силсилаи 63 №4710120-и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Бошқирдистон 28-уми декабри соли 2007 ба Султонова Бибихон Ходжиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №174425-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №86 (ҳоло №103)-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1991 ба Курбанов Ҳусейн Машрабович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии таъсисёбии фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб ба Саидов Муҳамадӣ (РМА 155110495, РЯМ 1530029234) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №011546-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 10-уми феврали соли 2006 таҳти №16 бо суроғаи ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Ишмурод Ниёзов, деҳаи Чорбоғ ба Бердалиев Пардалӣ Хазратқулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Чоргултеппа, деҳаи Оби шифо ба Сафарова Ҳомия Абдулҳамидовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкори инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба Мирзоганиев Боходир Мирзатуллоевич (РМА 125182111) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-ШТА № 0065623-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло №111-уми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 2007 ба Манучеҳр Нуруллозода (Худоиев Рустам Нуруллоевич) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БП №529578-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №137-и ноҳияи Ленин (ҳоло МТМУ № 1-и ба номи А. Ҳусейнови ноҳияи Варзоб) соли 1977 ба Сидиқова Гулизор Бебудовна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Бунёди фикрӣ ва фарҳангии Роҳнамо» (РМА 020054351), воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Исоқи Довудшо» (РМА 3210003207, РЯМ 320006130), воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Кооперативи тиҷоратии «Бобои Эмомуддин» (РМА 3210004454, РЯМ 320007435), воқеъ дар ноҳияи Қубодиён, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гушикай ЛТД» (РМА 020043964) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 24 феврали соли 2023, соати 13:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35530 нусха*

Навбатдорони шумора А. Мирзозода ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97